аз 13.01.2025, №1-Ф

дар Вазорати адлия аз 28.01.2025, №1322 ба қайд гирифта шудааст.

Дар бораи индексатсия ва муқаррар кардани меъёри андоз барои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус

070.010.000

Мутобиқи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Меъёри андоз ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус (андози даромад ва андози иҷтимоӣ) дар соли 2025 бо дар назар доштани сатҳи таваррум аз рӯйи натиҷаи соли 2024 дар ҳаҷми 3,6 фоиз индексатсия карда шавад.
2. Меъёри андоз барои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).
3. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа гардида, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯйӣ намояд.
6. Фармоиши якҷояи раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2024, №1-ф ва вазири молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2024 «Дар бораи индексатсия ва муқаррар кардани меъёри андоз барои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2024, №1270 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода